Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

18 феврали соли 2026
Чоршанбе
№ 14 (15233)
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ БРИТАНИЯИ КАБИРРО ҚАБУЛ КАРД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 17 феврал намояндаи тиҷоратии Британияи Кабир оид ба Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон – лорд Ҷон Олдердайсро пазируфт, ки бо сафари корӣ дар кишвари мо қарор дорад.***



Масъалаҳои густариши минбаъдаи шарикии мутақобилан судманд миёни Ўзбекистон ва Британияи Кабир, пеш аз ҳама дар соҳаи тиҷоративу иқтисодӣ баррасӣ гардиданд.

Таъкид шуд, ки муколамаи сиёсӣ босуръат рушд ёфта, мубодила дар ҳама сатҳҳо фаъолона идома доранд. Дар соҳаи амният ҳамкории босамар роҳандозӣ шудааст.

Дар панҷ соли охир гардиши мол ду баробар афзуд. Дар биржаи фонди Лондон беш аз 15 миллиард доллари амрикоӣ коғазҳои қиматноки давлатӣ ва корпоративии Ўзбекистон ҷойгир карда шуданд. Соли гузашта механизми Кумитаи муштараки иқтисодӣ ба фаъолият шурӯъ кард.

Дар ҳамкорӣ бо шарикони британиёӣ Мактабҳои президентӣ таъсис ёфтанд ва се донишгоҳи муштарак бомуваффақият фаъолият доранд. Шумораи сайёҳони британиёӣ, ки аз Ўзбекистон боздид менамоянд, низ меафзоянд.

Дар идомаи мулоқот аҳамияти пешбурди лоиҳаҳои нав дар соҳаҳои энергетика, молия, геология, нақлиёт, кимиё, дорусозӣ, илм ва таълим таъкид гардид.

Ҳамчунин, оид ба масъалаҳои мубрами дорои аҳамияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ табодули афкор ба амал омад.

Дар анҷоми вохӯрӣ ҷонибҳо аз рӯйи қабули "харитаи роҳ" оид ба рушди минбаъдаи ҳамкории бисёрҷанба ба мувофиқа расиданд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

# ДАР БОРАИ БА ТАРЗИ ШОИСТА ГУЗАРОНИДАНИ МОҲИ МУБОРАКИ РАМАЗОН

***Солҳои охир дар мамлакат ба шарофати ислоҳоти густурдае, ки ҷиҳати таъмин кардани қадру манзалат, ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, таҳкими фазои сулҳ, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа, инчунин ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус табақаҳои ниёзманд амалӣ мегарданд, моҳи муборaки Рамазон, ки дар худ моҳияти инсонпарваронаи дини муқаддаси ислом, ғояҳои ҳамбастагӣ, саховат ва шукргузориро таҷассум менамояд, ба дили халқи мо боз ҳам наздиктар ва азизу мӯътабар мегардад.***

Бо назардошти ҷойгоҳ ва аҳамияти рӯзафзуни моҳи Рамазон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавӣ ва бо мақсади истиқболи муносиб ва дар сатҳи баланд баргузор намудани он, инчунин ҳифзу арҷгузории арзишҳои динӣ-маърифатӣ ва фарҳангӣ:

1. Маълумоти Идораи мусалмонони Ўзбекистон дар бораи мувофиқ омадани оғози моҳи муборaки Рамазони соли 2026 ба санаи **19 феврал** пазируфта шавад.

2. Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷо бо Кумитаи корҳои дин, Иттиҳоди маҳаллаҳои Ўзбекистон, Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ, Бунёди дастгирии фаъолияти ҷамъиятии собиқадорони Ўзбекистон «Нуроний» ва дигар ташкилоти дахлдор супориш дода шавад, ки дар мамлакат чорабиниҳои вобаста ба моҳи Рамазонро **мутобиқи анъана ва арзишҳои миллӣ** амалӣ намоянд.

Дар асоси ғояи неки **«Рамазон – моҳи меҳру муҳаббат, ҳамбастагӣ ва шукргузорӣ»** ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи махсус дода шавад:

дастгирии ҳамаҷонибаи шахсони нодор, ниёзманд ва ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷ;

ба макони эҳтироми мутақобил, ҳамҷиҳатӣ, адолат ва тарбия табдил додани маҳаллаҳо;

ҳифзи замин, об, ҳаво ва муҳити табиӣ, обод кардани қадамҷоҳои муқаддас, зиёратгоҳ ва қабристонҳо;

бидуни роҳ додан ба исрофкорӣ, дар шакли ихчам, пурмазмун ва сарфакорона баргузор намудани чорабиниҳои вобаста ба моҳи Рамазон.

3. Ба Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон, Оҷонсии иттилооти миллии Ўзбекистон ва дигар воситаҳои ахбори омма тавсия дода мешавад, ки чорабиниҳои вобаста ба моҳи Рамазонро ба таври васеъ инъикос намоянд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Р. Қ. Давлетов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри Тошканд,*
*16 феврали соли 2026.*

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БА ИМА САФАР КАРД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Доналд Трамп рӯзҳои 17-19 феврал барои иштирок дар нахустин ҷамъомади Шӯрои сулҳ бо ташрифи корӣ ба ин мамлакат сафар кард.***

Нишасти аввалини Шӯро дар Институти сулҳи ИМА баргузор гардида, ба масъалаҳои барқарорсозии навори Ғазза, расонидани кӯмакҳои башардӯстона ва таъмини сулҳу субот дар ин минтақа бахшида мешавад.

Дар доираи барномаи тиҷоратии сафар иштироки роҳбари Ўзбекистон дар муаррифии лоиҳаҳои стратегӣ бо ширкати роҳбарони ширкат ва ниҳодҳои молиявии пешрафтаи Амрико, инчунин маросими имзои санадҳои дуҷониба дар соҳаи иқтисодӣ дар назар аст.

Ёдовар мешавем, ки Шӯрои сулҳ бо ташаббуси Президенти ИМА Доналд Трамп таъсис ёфтааст. Ўзбекистон моҳи январи соли ҷорӣ дар шаҳри Давоси Швейтсария ҳамчун давлати муассис ба он ҳамроҳ гардид.

**ЎзА.**

# ЧОРАҲО ОИД БА РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ АБРЕШИМ ДАР АСОСИ НИЗОМИ НАВ ПЕШНИҲОД ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти чораҳо оид ба рушди соҳаи пиллапарварӣ шинос шуд.***

Дар кишвари мо, пиллапарварӣ ва тайёр кардани нахи абрешим дар таъмини шуғли даромаднок, афзоиши шуғли аҳолӣ дар деҳот ва васеъ кардани иқтидори содиротӣ нақши муҳим мебозанд. Аммо, мушкилоте, ки дар ҳама марҳилаҳо – аз таъминоти хӯрок то коркарди пилла – ҷамъ шудаанд, ба кушода шудани иқтидори пурраи соҳа халал мерасонанд.

Аз ҷумла, қисми зиёди тухми кирмаки абрешим аз хориҷ ворид карда мешавад. Таъкид гардид, ки то соли 2030 сатҳи истифодаи тухми кирмаки ватанӣ то 75 фоиз зиёд карда шавад, ки барои ин барқарор кардани фаъолияти стансияҳои селексионии тухмипарварӣ зарур аст.

Дар ҷараёни тақдимот дар бораи нақшаҳо оид ба созмон додани стансияҳои селексионии тухмӣ дар вилоятҳои Фарғона ва Хоразм ва истеҳсоли тухмии навъҳои элитӣ, ҳамчунин, соли ҷорӣ дар вилоятҳои Бухоро ва Намангон ду корхонаи нави истеҳсоли тухмӣ, илова бар 10 корхонаи мавҷуда ва дар солҳои 2027–2029 таъсис додани боз чор корхонаи нав дар вилоятҳои Тошканд, Ҷиззах, Самарқанд ва Сурхондарё маълумот пешниҳод гардид.

Барои дастгирии корхонаҳои селексионӣ ва тухмипарварӣ пешниҳод гардид, ки нисфи хароҷоти онҳо барои ҷалби мутахассисони хориҷӣ ва музди меҳнати коргарони мавсимӣ ҷуброн карда шавад, ҳамчунин фаъолияти коргарони мавсимӣ аз пардохти андози даромад ва иҷтимоӣ озод карда мешавад.

Қайд гардид, ки барои баланд бардоштани сифати пилла беҳтар кардани базаи хӯрокӣ зарур аст.

Дар солҳои 2026–2030 густариши марҳилавии базаи хӯрокӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, дар 8 ҳазор гектар плантатсияҳои нави тут бунёд мешаванд, дар 41,5 ҳазор гектар ниҳолҳои тут дар як қатор шинонда мешаванд ва дар 15 ҳазор гектар плантатсияҳои тут барқарор мегарданд. Дар натиҷа то соли 2030 200 миллион ниҳоли тут шинонда мешавад ва базаи хӯрокӣ 30 фоиз зиёд мегардад.

Ҳаҷми парвариши кирмак дар асоси таҳлили базаи хӯрокӣ пешбинӣ карда мешавад. Аз ҷумла, парвариши 30 ҳазор тонна пилла дар соли 2026 ва 36 ҳазор тонна то соли 2030 ба нақша гирифта шудааст.

Кор дар соҳа дар асоси низоми нави ҳамкорӣ ташкил мегардад. Ассотсиатсияи «Ўзбекипаксаноат», сохторҳои вилоятӣ ва ноҳиявии «Агропилла» , инчунин кластерҳои пиллапарварӣ дар ҳамоҳангӣ кор карда, фаъолияти фермерон, хоҷагиҳои хонагӣ ва истеҳсолкунандагони пилларо аз ташкили плантатсияҳои тут то хариди пилла дастгирӣ мекунанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# СИЁСАТИ ПУЛИЮ ВОМӢ – ДАР АМАЛ

***Мувофиқи Фармони Президент «Дар бораи такмил додани сиёсати пулию вомӣ тавассути гузариши тадриҷӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум» ҳадафи доимии таваррум 5 фоиз муқаррар шудааст ва Бонки марказӣ вазифадор аст, ки ба ин ҳадаф ҳатман ноил шавад. Таъмини ҳадафи таваррум аз ҷониби Бонки марказӣ қобилияти харидории даромад ва пасандозҳои аҳолӣ ва соҳибкоронро нигоҳ медорад, ба онҳо имкон медиҳад, ки хароҷоти дарозмуддати худро ба нақша гиранд. Он ҳамзамон шароити мусоидро барои рушди устувор ва фарогири иқтисодӣ фароҳам меорад.***

Сиёсати муассири пулию қарзӣ имкониятҳоро барои пешгирӣ аз душвории шадид ва тӯлонии иқтисодиёт аз имкониятҳои он ва андешидани чораҳо барои коҳиш додани таъсири манфӣ фароҳам меорад.

Дар ҳақиқат, сиёсати пулию қарзӣ ё кредит дар ҷумҳурии мо маҷмӯи чораҳоеро ташкил медиҳад, ки дар айни ҳол Бонки марказӣ ба ин васила танзими ҳаҷми пешниҳоди пул ва қобилияти бонкҳои тиҷоратиро барои додани қарз таъмин менамояд. Ҳадафи асосии сиёсати пулию қарзӣ назорати афзоиши нархҳо, яъне нигоҳ доштани таваррум дар ҳудуди муайян мебошад.

Бар ин асос Бонки марказӣ дар доираи сиёсати пулию қарзӣ меъёри асосиро муқаррар мекунад ва он меъёри асосии фоизи бозори пулӣ мебошад. Бонки марказӣ қобилияти бонкҳои тиҷоратиро барои қарздиҳӣ тавассути зиёд ё кам кардани меъёри асосӣ танзим мекунад.

Маълум мешавад, ки аз 29 январи соли 2026 муассисаҳои молиявӣ ҳангоми додани қарзҳои истеъмолӣ ба формати нави кор бо муштариён гузаштаанд. Бонки марказӣ як қатор тағйиротеро тасдиқ кардааст, ки ба баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ ва ҳифзи ҳуқуқи қарзгирандагон нигаронида шудаанд. Яке аз навовариҳои асосӣ ҷорӣ намудани ӯҳдадории пешниҳоди шаҳрвандон бо рӯйхати махсус (рӯйхати санҷишӣ) хоҳад буд, ки ҳамаи хатарҳои марбут ба ӯҳдадориҳои қарзиро муфассал шарҳ медиҳад. Ин тағйироти ҳуқуқӣ дар Вазорати адлия 28 октябри соли 2025 ба қайд гирифта шудааст ва таҷдиди назари талаботи ҳадди ақалро барои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ пешбинӣ мекунад.

Тартиби нав ба хидматҳои бонкдории рақамӣ диққати махсус медиҳанд. Ин тартиб тақозо менамояд, ки ҳангоми дархости гирифтани қарз тавассути барномаҳои мобилӣ ё вебсайтҳо, истифодаи аломатҳои пешакӣ муайяншуда ва дигар унсурҳое, ки розигии автоматии муштариро ба ҳама гуна шартҳо нишон медиҳанд, қатъиян манъ мебошад.

Ғайр аз ин, бонкҳо танҳо бо пур кардани маълумот дар бораи параметрҳои асосии қарз, ба монанди маблағ, меъёри фоиз ва мӯҳлат – дар шаклҳои онлайн маҳдуданд. Гуфта мешавад, ин ба муштариён озодии қабули қарорро ҳангоми истифодаи хидматҳои бонкӣ фароҳам меорад, шаффофияти шартҳоро афзоиш медиҳад ва аз баҳсҳои оянда байни бонкҳо ва муштариён пешгирӣ мекунад.

Як навоварии муҳими дигар ба пешниҳоди маълумот дар бораи системаи кафолати пасандозҳо дахл дорад. Бонкҳо бояд ба муштариён дар бораи фаъолияти Фонди кафолати пасандозҳо маълумоти пурра пешниҳод кунанд.

Ногуфта намонад, ки ҳамаи тағйироти зикршуда се моҳ пас аз бақайдгирии расмӣ, яъне 29 январи соли 2026 эътибор пайдо кардаанд. Ҳаҷми умумии қарзҳои ба иқтисодиёт ҷудошуда нисбат ба соли 2024 дар соли сипаришуда беш аз 16 фоиз афзоиш ёфта, ҳудуди 300 триллион сӯмро ташкил додааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

# ҲАҶМИ ИСТЕҲСОЛОТ МЕАФЗОЯД

***Дар шароити иқтисодӣ афзун гардондани даромади аҳолӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ аз масъалаҳои муҳими рӯз ба шумор меравад. Дар ин бобат аз ҷониби ҳукуматамон шароит фароҳам оварда мешавад.***

Чандин қарору фармон бароварда шуданд. Ин ҳуҷҷатҳо барои ташкил намудани ҷойҳои корӣ, ба аҳолӣ додани кредит, барои фаъолияти соҳибкорони хурду миёна пешниҳоди имтиёзҳо хидмат мекунад.

Заминҳои наздиҳавлӣ дар деҳот яке аз манбаъҳои зарурӣ ва доимии даромад ба шумор мераванд. Аҳолӣ асосан аз ин заминҳои худ босамар истифода мебаранд. Дарахтҳои меваdeҳ мешиноnанд, току чорво, сабзавоту паранда парвариш мекунанд.

Дар деҳа одами бекор нест. Онҳо на танҳо эҳтиёҷи оиларо бо сабзавоту мева, ғалладонаву ангур, маҳсулоти паррандаву чорво таъмин мекунанд, балки боз қисми зиёдатиашро ба бозор мебароранд, ҳатто ба давлатҳои хориҷӣ содир мекунанд. Дар ин хусус намангониён низ фаъоланд.

Оид ба истифодаи самараноки замини наздиҳавлӣ ва соҳибкорӣ оилаи Содиқҷон Ўктамоврo, ки дар маҳаллаи Учуйлии ноҳияи Поп зиндагонӣ мекунад, мисол овардан мумкин аст. Аъзои оила асосан бо фаъолияти парвариши гармхона ва чорво машғуланд.

– Асосан аз парвариши чорво ва аз маҳсулоти гармхона даромад мегирем. 30 хол замини кишт дорем, – мегӯяд соҳиби хона. – Дар 20 хол гармхона дорем, дар масоҳати боқимонда бо чорводорӣ машғул мешавем. Аз дарахтони мевадеҳ ва токи ҳавлӣ барои таъмини озуқаворӣи худ истифода мебарем. Муҳимаш, аз бозор ин қабил маҳсулотро харид намекунем.

Соли гузашта зиёда аз 500 миллион сӯм даромади соф гирифтем. Дар гармхона лимӯ, помидор, бодиринг ва кабудиҳои гуногун парвариш мекунем. 10 сар чорвои зотии аз хориҷ оварда ва 60 сар гӯсфанди зотиро нигоҳубин мекунем. Дар ин корҳо ба мо 4 нафар коргари доимӣ ва 20 нафар коргарони мавсимӣ кумакрасонанд. Имсол ният дорем фаъолиятамонро боз ҳам васеътар кунему ҳаҷми истеҳсолотро ба 1 миллиард сӯм расонем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

# ҶАВОНОН – ОЯНДАИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

***Дар Мурожиатномаи пурмуҳтавои Сарвари давлат ба Олий Маҷлис ва халқи Ўзбекистон дар баробари дигар масоили муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ сари масъалаҳои такмил додану боло бурдани сифати таълиму тарбияи насли наврас, рушди ташаккули афкору эҷодӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ ба таври махсус таъкид шудааст.***

Ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев дар асоси Мурожиатномаи Президенти мамлакат бо ҷавононе, ки таҳти назорати парасторон мебошанд, мулоқот орост.

Дар рафти вохӯрӣ ҷавононе, ки мехостанд шуғл пайдо кунанд, илму дониш гиранд, касбу ҳунар омӯзанд ва бо соҳибкорӣ машғул шаванд, ба роҳбари вилоят муроҷиат намуданд. Бо супориши ҳоким мутасаддиёни соҳаҳои гуногун барои ҳаллу фасли мушкилоти ҷавонон вазифадор карда шуданд.

– Аз таваҷҷуҳ ва дастгирии пайвастаи ҳокими вилоят сипосгузорам, – гуфт яке аз иштироккунандагони вохӯрӣ Алишер Ҳамидов, – зеро мушкилоти ман дар вохӯрӣ ҳалли худро ёфт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият*

# БА АҲЛ – КОР САҲЛ!

***Дар вилоятамон қариб ҳазору сад маҳалла мавҷуд буда, яке аз қадимтарини онҳо Боғи майдони шаҳри Самарқанд аст. Минтақаи мазкур таърихи ба худ хос дорад. Он бо ташаббусу талаботи Мирзо Улуғбек таъсис ёфта, дар ҳамин минтақа, ки Кӯҳак ном дошт, расадхонаи ӯ бунёд гардидааст. Дар ин ҳудуд зиёратгоҳи Дониёр пайғамбар ва дигар ёдгориҳои таърихӣ мавҷуд. Аз мобайни маҳалла рӯди Оби раҳмат гузашта, атрофу муҳитро сабзу хуррам нигоҳ дошта, хосатан дар фасли тобистон ҳаворо мӯътадил нигоҳ медорад.***




Бо гузашти айём минтақаи мазкур ба ҳафт қисм тақсим шуда, бо номи таърихиаш Боғи майдон низ арзи вуҷуд дорад. Аз соли 2019 ҳамкасби мо – собиқ муҳаррири рӯзномаи «Самарқанд» Тошпӯлод Раҳматуллоев амини маҳалла аст. Аммо ба ин вазифаи душвору пурмасъулият ва шарафманд омадани вай аҷиб мебошад, ки камина низ каму беш хабардорам. Агар хотирам фиреб надиҳад, соли 2013 мардуми маҳалла номзади ӯро ба раисӣ пешниҳод карданд, вале ҳокимияти шаҳри Самарқанд исму насаби журналисти қаламаш тезу бурроро аз рӯйхат хат зад. Шӯру маъал бархоста, то интихоботи навбатӣ идома ёфт. Дар шаҳри Самарқанд ҳоким иваз гардид ва масъала ранги дигар гирифт. Аз се нафар номзадҳо бо овози бисёр Тошпӯлод Раҳматуллоев амини маҳалла интихоб шуд.

Боиси хушнудист, ки солҳои охир бо ташаббусу талаботи раиси нав дар маҳалла ислоҳоти пурсамар ва васеъмиқёс амалӣ мешаванд, ки бар арзишҳои қадру қимати инсон, адолат, пешравӣ, тараққиёт ва ободонӣ асос ёфтаанд.

– Сарвари давлатамон дар Мурожиатномаи худ ба Олий Маҷлис ва мардуми Ӯзбекистон соли 2026-умро «Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият» эълон карда, таъкид намуданд, ки тамоми ислоҳот ба манфиати инсон, муколама бо мардум, тамоюлҳои шаффофӣ ва масъулиятшиносӣ асос ёфтаанд, – иброз дошт Тошпӯлод Раҳматуллоев, – новобаста аз он, ки дар тӯли таърих бо чӣ озмоишҳои душвор рӯ ба рӯ шавем, мо пеш аз ҳама аз ваҳдат қувват мегирем. Воқеан, маҳалла на ҳамчун як минтақаи кӯчак, балки ҳамчун пайванди тамаддун ва иҷтимоии ҳудуд арзи вуҷуд дорад.

Дар маҳаллаи мо беш аз ду ҳазор нафар аҳолӣ ҳамчун фарзандони як оила аҳлу тифоқ зиндагӣ ба сар мебаранд. Дар урфият мегӯянд, ки ба як сар мурғ ҳам обу ҳам дон лозим. Мо, фаъолони маҳалла кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки некӯаҳволии мардум беҳтару хубтар ва шароити зиндагӣ лоиқи таҳсину ситоиш бошад. Ана барои чӣ мо ба масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоӣ, яъне таъминот бо гази табиӣ, оби ошомиданӣ, нерӯи барқ, бунёди боғу бӯстон, биноҳои хушсохту замонавии савдо, фароғатӣ, варзишӣ, хосатан мактабу кӯдакистон ва ғайра диққату эътибори махсус медиҳем. Дар омади гап бояд таъкид намуд, ки барои мактаби миёнаи рақами 60-уми маҳалла сохтани иншооти иловагӣ шаш сол тӯл кашид. Ман аз номи фаъолони маҳалла ба ҳокими вилоят Адиз Бобоев муроҷиат намудам, ки ба ҳалли ин масъала кумак диҳад. Аз байн чанд рӯз нагузашта Адиз Музаффарович бо корҳои сохтмону бунёдкорӣ шинос шуд ва ба қавле «пӯстаки» масъулони сохтмонро дурустакак афшонд. Чанде пеш ифтитоҳи бинои нав ба вуқӯъ пайваст.

Ҳоло дар маҳалла бисёр корҳои фоидабахши бунёдкорӣ муташаккилона идома дорад, ки дар ин кори неку хайр саҳми фаъолон Аъзам Аъламов, Паҳлавон Хоҷаев, Ҷӯрамурод Мирзоев, Абдусамад Абдуҳамидов, Алишер Мавлонов, бародарон Аслиевҳо, Абдусалим Ҷалилов, Тоҳир Ашӯров, Марҳамат Эгамбердиева, Озода Амриддинова ва дигарон лоиқи таҳсину ситоиш аст.

– Ако Тошпӯлод, як нуктаро набояд фаромӯш созем, ки иқтисодиёти қафомондаро дар муддати кӯтоҳ пеш бурдан метавон, вале маърифату маънавияти қафомондаро дар муддати кӯтоҳ бартараф сохтан кори басо сангин аст. Охир «вақт рафт, нақд рафт» гуфтаанд бузургон.

– Президенти мамлакат муҳтарам Шавкат Мирзиёев ана ҳамин масъалаҳои ҳалталаби замонро ба назар гирифта, чанд қарору фармони судманд қабул карданд, ки иҷрои онҳо барои мо ҳам қарзу ҳам фарз. Кӯчаи мо номи Абдусалом Деҳотиро дошта, адибон Абдусалом Деҳотӣ, Болта Ортиқов, журналист Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода, адабиётшинос Абдусалом Самадов ва дигарон ифтихори маҳалла ҳастанд. Дар маркази маҳалла китобхона ташкил шудааст, ки дар ҷевони он қариб се ҳазор адад асарҳои гуногуни бадеӣ ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ буда, вохӯрӣ бо шоиру нависандагон, шаби адабӣ ва ҷашни зодрӯзи аҳли қалам баргузор мешаванд. Чанде пеш ба муносибати ҷашни Алишери Навоӣ, Заҳириддин Бобур, Болта Ортиқов анҷуманҳои гуногуни фарҳангӣ баргузор гардид, ки хеле хотирмон буд.

Ана барои чӣ барои камина ҳамчун раис дар озмунҳои шаҳрӣ ҷои аввал ва дар вилоят шоҳсуфаи фахрӣ насибам гашт.

Хуллас, кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки бо шиори «ба аҳл – кор саҳл» дар рушду нумӯъ ва пешравию тараққиёти Ӯзбекистони Нав саҳми арзанда хоҳем гузошт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# НОМЗАДИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗӢ, АЪЛОЧИИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ КАРИМ ОЙБЕКОВИЧ ЭГАМҚУЛОВ



Устоди фидокор, номзади илмҳои кишоварзӣ, Аълочии таълими олӣ Карим Ойбекович Эгамқулов, ки тамоми умр ва фаъолияти меҳнатии худро ба рушди соҳаи таълими кишвар бахшидааст, дар 87-солагӣ аз олам даргузашт.

Карим Эгамқулов 5 майи соли 1939 дар ноҳияи Гулистони вилояти Сирдарё таваллуд шудааст. Соли 1964 Донишкадаи давлатии омӯзгории Тошканд (ҳоло Донишгоҳи миллии омӯзгории Ӯзбекистон ба номи Низомӣ)-ро хатм намуда, дар ҳамин даргоҳ ба ҳайси лаборанти калон ба кор шурӯъ намуд. Сипас, дар аспирантураи донишкада таҳсил гирифта, рисолаи номзадиро дифоъ кард.

Солҳои 1969-1972 ҳамчун котиби масъули ҷамъияти «Билим»-и вилояти Сирдарё фаъолият намуда, ҷиҳати тарғиби маърифат миёни мардум саҳми арзанда гузошт.

Солҳои 1972-1975 дар вазифаи проректори Донишкадаи давлатии омӯзгории Сирдарё босамар кор карда, иқтидори роҳбарӣ, ташкилотчигӣ ва ташаббускории худро нишон дод.

Солҳои 1975-1987 дар вазифаи директори филиали Донишкадаи муҳандисони ирригатсия ва механизатсияи соҳаи кишоварзӣ дар Янгиер хидмат намуда, бобати омодасозии кадрҳои баландихтисос барои ин бахши ҷумҳурӣ фидокорӣ зоҳир кард.

Карим Эгамқулов илмро бо амалия пайваста, махсусан дар рушди таълим ва амалиёти соҳаҳои кишоварзӣ ва обёрӣ мактаби таҷрибавии худро ба вуҷуд оварد.

Ҳамчун муаллифи беш аз 20 барномаи таълимӣ-методӣ ва китобҳои дарсӣ дар соҳаи ирригатсия ва кишоварзӣ шинохта шуд.

Омӯзгори пуртаҷриба ва пешқадам дар вазифаҳои декани факултети такмили ихтисос, мудири кафедраи хокшиносии Донишкадаи муҳандисони ирригатсия ва механизатсияи соҳаи кишоварзии Тошканд, инчунин директори Маркази бозомӯзии ҳисобдорони вилояти Сирдарё фаъолияти самарабахш намуда, дар таҳкими дониш ва малакаҳои амалии намояндагони соҳаи ирригатсия ва кишоварзии ҷумҳурӣ, шинос намудани онҳо бо дастовардҳои муосири илму фан саҳми назаррас гузошт.

Солҳои охир, новобаста аз пиронсолӣ, ҳамчун намояндаи фидокори ҷомеа ва пирамарди рӯзгордида, дар тарғиби ислоҳоте, ки дар мамлакат амалӣ мегарданд, корҳои шоистае, ки ба обод намудани деҳаву маҳаллаҳо, беҳбуди шароити зисти аҳолӣ нигаронида шудаанд, фаъолона иштирок мекард. Бо маслиҳатҳои оқилонаи худ ба корҳои бобати тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи муҳаббат ва садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ сару сарвар мегардид.

Хотираи олими боиқтидор, устоди меҳрубони ҷавонон, инсони хоксор Карим Эгамқулов дар қалбҳо боқӣ хоҳад монд.

**Ш. МИРЗИЁЕВ, Т. НОРБОЕВА, Н. ИСМОИЛОВ, А. АРИПОВ, С. ТУРДИЕВ, Э. ТУРДИМОВ**

# ДУБОРА РАИСИ МАРКАЗИ ТОҶИКОН ИНТИХОБ ГАРДИД

***Дар маҷлисгоҳи Китобхонаи марказии вилоят ҷамъомади ҳисоботӣ-интихоботии бахши вилоятии Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ баргузор гардид. Дар он фаъолон аз ноҳияҳои Сӯх, Риштон, Олтиариқ, Ёзёвон, Фарғона, шаҳрҳои Қувасой, Фарғона ширкат карданд.***

Ҳисоботи раиси марказ Масъуд Мирзоев асосан аз чанд навори видеоӣ иборат буд, ки чорабиниҳои баргузоршуда дар он акс ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, раиси марказ чанд нуктаи муҳимро ба самъи иштирокчиёни ҷамъомад ироа намуд.

– Яке аз намунаҳои кори марказ дар атрофи худ муттаҳид намудани аҳли адабу фарҳанги тоҷики вилоят мебошад. Гузашта аз ин, марказ дар ҷараёни фаъолият ба чандин оину муқаддасоти миллӣ, мисли идҳои Наврӯз, Сада, Меҳргон, суманакпазӣ, бозиҳои гуногун ва амсоли он диққати асосиро тамаркуз дода, ширкати мардуми тоҷиктабори вилоятро дар он таъмин кардааст, – гуфт Масъуд Мирзоев.

Дар чорабинӣ омӯзгори собиқадори деҳаи Хуррамободи ноҳияи Риштон Сайфиддин Иноятов, собиқадори меҳнат Мавлуда Ҷӯраева, журналисти шинохта Каримҷон Муҳиддинов, устоди ДДФ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳикматулло Дӯстматов, имом-хатиби яке аз масҷидҳои ноҳияи Сӯх Илҳомиддин Тоиров, Соҳибҷон Додобоев, Олимҷон Аҳмедов, Бахтиёр Назиров ва чанде дигарон ба музокира баромада, барои боз ҳам таъсиргузор шудани фаъолияти марказ таклифу пешниҳодҳои судманд ироа карданд.

Ба мақоми раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилоят се нафар номзад пешниҳод шуданд. Аз роҳи овоздиҳии махфӣ аксарияти вакилони ҷамъомад ба тарафдории Масъуд Мирзоев овоз доданд ва ӯ дубора раис интихоб гардид.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик" дар вилояти Фарғона.**

***Дар ноҳияи Чуст заводи замонавии коркарди партов ва истеҳсоли қувваи барқ қад рост менамояд, ки ҷойҳои нави корӣ бунёд ва садҳо эҳтиёҷмандони минтақаро таъмин мекунад.***

# БУНЁДИ КОРХОНАИ КОРКАРДИ ПАРТОВ

Барои сохтмони минтақаи экосаноатӣ дар маҳаллаи Зарафшон 15 гектар замин ҷудо карда шуда, аз он 10 гектараш бо иштироки сармоягузорони Чин ба лоиҳаи корхонаи хориҷии ҶММ «Everbright Environmental Energy Namangan» ҷалб карда шуд. Арзиши умумии лоиҳа 150 миллион доллари ИМА аст.

Ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов бо рафти кори сохтмон шинос шуда, бо сармоягузорони хориҷӣ масъалаҳои аёншударо муҳокима карда, барои суръатафзоии сохтмон ва ҳалли мушкилот дастуру супоришҳои дахлдор дод. Бо шарикони чинӣ дар бораи суръат бахшидан ба раванди сохтмон ва оғози пурраи лоиҳа то охири сол ба мувофиқа расиданд.

Аз рӯйи нақша корхона дар як сол 547,5 ҳазор тонна партовро аз нав кор карда, 310 миллион киловатт-соат қувваи барқ истеҳсол мекунад. Аз он 254 миллион киловатт-соат бо таъминоти қариб 300 ҳазор нафар аҳолӣ ба шабакаи барқ гузаронида мешавад. Ғайр аз ин, аз рӯйи лоиҳа, 180 ҷойи кори доимӣ барпо мешавад, ки он ҳиссаи калон ба рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа аст.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ЧОРАҲО ОИД БА РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ АБРЕШИМ ДАР АСОСИ НИЗОМИ НАВ ПЕШНИҲОД ШУДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ба ҷалби оилаҳои камбизоат ва шомил ба феҳристи иҷтимоӣ ба пиллапарварӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Аз ҷумла, аз соли ҷорӣ, ба воситаи «ҳафтгонаи маҳалла» ба аҳолӣ дар ҳаҷми 35 фоиз субсидия аз арзиши 1 кг пиллаи супурдашуда ва инчунин қарзҳо ба миқдори то 20 миллион сӯм барои хариди таҷҳизот ва лавозимоти парвариши кирмак пешниҳод карда мешаванд.

Яке аз вазифаҳои муҳими соҳа густариши усулҳои саноатии парвариши пилла мебошад. Имрӯзҳо аксаран кирмаки пилла дар хона парвариш карда мешавад, аммо имкони таъминсозии устувори истеҳсолот ва баланд бардоштани сифат тавассути ташкил кардани фермаҳои ихтисосии пиллапарварӣ вуҷуд дорад. Пешниҳод гардид, ки бунёд ва фаъолияти чунин фермаҳо аз ҷониби кластерҳо дастгирӣ, аз ҷумла то 1 январи соли 2029 фермаҳо аз пардохти андози замин ва андози амвол озод карда шаванд.

Ба масъалаҳои зиёд кардани содирот ва арзиши иловагӣ низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шуд.

Имрӯз ҳиссаи истеҳсоли абрешими хоми хушсифат аз тухми пиллаи ватанӣ ва коркарди он дар сатҳи паст қарор дорад. Зикр шуд, ки бо баланд бардоштани сифат ва густариши коркарди амиқ метавон ҳаҷми содиротро то 250 миллион доллар афзоиш дод. Аз ҷумла, татбиқ сохтани 21 лоиҳаи сармоягузорӣ бо арзиши умумии 200 миллион доллар то соли 2030 сатҳи коркарди абрешими хомро то 75 фоиз баланд мебардорад ва ҳаҷмро то 3 ҳазор тонна мерасонад. Ин имкон медиҳад, ки 18,5 миллион метри тӯлонӣ матои абрешимӣ истеҳсол карда шавад.

Оид ба зиёд кардани саҳми маҳсулоти ниҳоӣ дар содирот, азхуд намудани бозорҳои нав, инчунин ташаккул ва дастгирии брендҳои миллӣ чораҳо муайян карда шуданд.

Зарурати васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳа таъкид шуд. Қарор қабул шуд, ки низоми ягонаи иттилоотӣ таҳия карда шавад, ки он ҳисоби базаи хӯрокӣ, феҳристи корхонаҳо, ҳисоботдиҳӣ ва ҳисобу китоб дар шакли электронӣ, инчунин раванди мониторинги вақти воқеии ҳаҷми тухмӣ ва ҳосил, нуқтаҳои қабул ва коркарди пилларо фаро мегирад.

Президент пешниҳодҳои рушди соҳаи пиллапарвариро дастгирӣ намуда, ба масъулон супориш дод, ки базаи хӯрокиро таҳким бахшанд, тухмпарварии маҳаллиро густариш диҳанд, усулҳои саноатиро ҷорӣ намоянд ва ҳиссаи маҳсулоти ниҳоиро зиёд кунанд.

**ӮзА.**

# ОМОДАГӢ БА МАВСИМИ КИШТ — ТАҲТИ НАЗОРАТ

***Дар кишвари мо ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва омодагии ҳамаҷониба ба мавсими оянда таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Хусусан, истифодаи самараноки давраи истироҳати мавсими зимистон барои омода сохтани техникаи кишоварзӣ ва қитъаҳои замин ба мавсим аҳамияти муҳим дорад.***

Бо ҳамин мақсад, корҳои нигоҳдории техникаи кишоварзӣ, таъмири саривақтӣ ва гузаронидани муоинаи техникӣ, омода намудани онҳо ба мавсими нав тибқи нақшаҳои муайян амалӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, ба иҷрои саривақтӣ ва босифати тадбирҳои агротехникӣ дар майдонҳои кишт, аз ҷумла, парвариши гандумзорҳо ва ғизо додани заминҳо бо нуриҳои маҳаллӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт.

Дар ноҳияҳои Ангор, Музработ, Шерobod ва Бандихон ҷараёни иҷрои ин вазифаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифт. Аз ҷумла, ҳолати ба нигоҳдорӣ гузоштани техникаи кишоварзӣ, трактор ва агрегатҳои гуногун, инчунин корҳои таъмир ва омодасозии онҳо ба мавсим аз назар гузаронида шуд.

Дар назди масъулон ва мутахассисони соҳа ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкории ҳадафнок бо хоҷагиҳои фермерӣ ва кластерҳо, бартараф намудани мушкилоти мавҷуда, баланд бардоштани самаранокии кор ва ноил гардидан ба натиҷаҳои мушаххас вазифаҳои дахлдор гузошта шуданд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*



*Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Бешкапаи ноҳияи Учкӯприки вилояти Фарғона аҳолӣ асосан ба ҳунармандӣ машғул мебошанд. Аз зиёда аз 700 хоҷагӣ, қариб 400-тои онҳо дар асоси косибӣ ва ҳунармандӣ ба истеҳсоли маҳсулоти ресандагӣ машғуланд.*

*Сокини ҳамин маҳалла Абдухалил Раҷаббоев низ ҳамроҳи се писараш дар хонадони худ истеҳсоли маҳсулоти ресмонро ба роҳ мондааст. Дар сехи хурди истеҳсолии хонагӣ ҳар рӯз ба ҳисоби миёна 2-3 ҳазор метр ресмон бофта мешавад. Тавассути ин фаъолият оила дар як моҳ то 30 миллион сӯм даромад ба даст меорад.*

*Қобили зикр аст, ки ин фаъолият барои сокинони Бешкапа ба манбаи устувори даромад табдил ёфтааст. Даромади миёнаи моҳонаи хоҷагиҳо аз истеҳсоли маҳсулоти ресандагӣ 15–20 миллион сӯмро ташкил медиҳад.*

*Дар маҳалла зиёда аз 100 навъи ресмон ва маҳсулоти нахӣ истеҳсол гардида, ба бозорҳои маҳаллӣ ва кишварҳое чун Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Русия содир карда мешавад.*

***Шабакаи ҳокимияти вилояти Фарғона.***

# ТАШАББУСҲОИ СОҲИБКОРӢ

***Дар маҳаллаи Қурамаи ноҳияи Учқӯрғон барои таъмини шуғл ва истифодаи самаранокии замин корҳои амалӣ мунтазам идома доранд.***

Аз ин сабаб дар ин ҷо одами бекор нест. Дар маҳалла беш аз 500 хонавода мавҷуд буда, онҳо асосан бо кишоварзиву чорводорӣ машғуланд. Дар аксари хонавода гармхонаҳо ташкил карда шудааст. Айни замон дар 270 хонавода якчанд намуди гармхона таъсис дода шудааст, ки ба манбаи асосии даромади аҳолӣ табдил ёфтааст.

– Мо аз гармхона, ки дар 11 сотих замин барпо кардаем, дар як сол ба ҳисоби миёна 100 миллион сӯм даромад мегирем, – мегӯяд соҳибкор Шӯҳратҷон Бобораҳимов. – Дар он ҷо помидор, қаламфури булғорӣ, карам, ҳатто ниҳоли гулҳои гуногунро парвариш мекунему ба бозор мебарорем. Баъзе харидорон аз ҷояш гирифта мераванд. Дар гармхона доимӣ 5 нафар, вақти мавсими кор зиёда аз 10 нафар занону духтарон бо кор таъмин шудаанд. Агар касе бо меҳру муҳаббат, аз таҳти дил кор кунад, барака меёбад, ба оилааш файз мебахшад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири "Овози тоҷик" дар вилояти Намангон.**

# РАМАЗОН – МОҲИ МЕҲРУ МУҲАББАТ, ҲАМБАСТАГӢ ВА ШУКРГУЗОРӢ

***Ҳамду сано бод Худованди мутаолро, ки моҳи муборaки Рамазон фаро расид. Ба ин муносибат мо бо имом-хатиби масҷиди ҷомеи Хоҷа Аҳрори Валии ноҳияи Самарқанд Ҳоҷӣ Яъқубхон МАНСУРОВ суҳбат оростем.***



– Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим! Ва баъд, маълум аст, ки «рӯза» дар забони арабӣ «сиём» буда, маънояш худдорӣ кардан аз чизест. Дар истилоҳи шариат бошад, рӯза яъне бо нийят аз дамидани субҳ то ғуруби Офтоб худдорӣ намудан аз чизҳоест, ки рӯзаро мешикананд.

Рӯзаи моҳи Рамазон дар соли дувуми ҳиҷрӣ фарз гардонида шудааст. Манфиатҳои ин ибодат барои инсон бисёранд. Муҳимтар аз ҳама, рӯза тақворо зиёд мекунад, саломатиро барқарор месозад, сабабгори мағфирати гуноҳҳо мегардад ва инсонро сабру таҳаммул меомӯзад.

Ба сабаби раҳмати Худованд бар уммати ислом моҳи Рамазон дорои фазилатҳои зиёд аст. Маҳз дар ҳамин моҳ Қуръони карим нозил шудааст. Он барои муъмин моҳи тақво ва накӯкорист.

Инсон бо фарзи рӯза доштан дар ин моҳи муборак ба манфиатҳои зиёди дунявӣ ва охират мерасад.

Дар оятҳои Қуръон таъкид шудааст, ки рӯза боиси ҳосил шудани тақвост. Тақво итоат ба амрҳои Худо ва канорагирӣ аз манъкардаҳои Ӯст. Тақво василаи расидан ба биҳишт аст.

Дар моҳи Рамазон савоби амалҳои нек чандин баробар зиёд мегардад. Аз ин хусус ҳадисҳои зиёде ҳастанд. Паёмбари акрам (с) дар моҳи Рамазон саховатмандии худро бештар зоҳир мекарданд, ки бартарии хайру эҳсонро дар ин моҳ собит месозад.

Бояд таъкид кунем, ки рӯза танҳо худдорӣ аз хӯрдану нӯшидан нест, балки нигоҳ доштани забон ва дигар аъзои бадан аз бадгӯӣ ва гуноҳҳост. Дар замони рушди технологияҳои иттилоотӣ мафҳуми «нигоҳ доштани забон» фаъолияти инсонро дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ фаро мегирад. Паҳн кардани хабарҳои носанҷида, маълумоти бардурӯғ, иштирок дар ғайбат ва туҳмат савоби рӯзаро аз байн мебаранд ва гуноҳи бузург шумурда мешаванд.

Аз ин рӯ, инсон бояд дар фазои маҷозӣ низ тақворо фаромӯш накунад, дар хотир дорад, ки барои ҳар калима ва ҳар хабар дар Рӯзи қиёмат ҷавоб хоҳад дод.

Ҳамчунин пушти профилҳои «ноошно» пинҳон шудан ва таҳқир кардани дигарон, истифодаи суханони қабеҳ ва барангехтани фитна ба ахлоқи муъмин мутлақо мувофиқ нест. Инсон метавонад номи худро пинҳон дорад, вале аз Худо ва фариштагони нависандаи аъмол чизе пинҳон намемонад. Паёмбар (с) фармудаанд: «Муслим касест, ки мусалмонон аз забон ва дасти ӯ дар амон бошанд» (ривояти Имом Бухорӣ).

Дар моҳи Рамазон саховати Паёмбар (с), хусусан пас аз мулоқот бо Ҷабраил (а) ва қироати Қуръон бештар мегардид.

Мо низ бояд аз эшон ибрат бигирем ва дар ин моҳи муборак саховатманд бошем, ба ниёзмандон кумак расонем. Дастгирии камбизоатон талаботи дини мубини мост.

**– Муҳтарам имом, бо фаро расидани моҳи шарифи Рамазон амали ифтор оғоз ёфта, баъзе шахсон дар ин бобат ба исрофгарӣ роҳ медиҳанд...**

– Дуруст гуфтед, мутаассифона, баъзан исрофкорӣ ба назар мерасад. Ин аст, ки дар қарори Президенти мамлакат "Дар бораи дар сатҳи шоиста гузаронидани моҳи мубораки Рамазон" ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Дар қарор таъкид гардидааст, ки чорабиниҳои моҳи Рамазон мутобиқи анъана ва арзишҳои миллӣ дар асоси ғояи накӯи «Рамазон – моҳи меҳру муҳаббат, ҳамбастагӣ ва шукргузорӣ» гузаронида шуда, зимни баргузории онҳо ба як қатор масъалаҳо, аз ҷумла дастгирии ҳамаҷонибаи шахсони камбизоат, ниёзманд ва ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷ, ҳифзи замин, об, ҳаво ва муҳити табиӣ, обод кардани қадамҷоҳои муқаддас, зиёратгоҳ ва қабристонҳо диққат карда шавад. Ғайр аз ин, бидуни роҳ додан ба исрофкорӣ, дар шакли ихчам, пурмазмун ва сарфакорона баргузор намудани чорабиниҳои моҳи муборак муқаррар гардидааст. Воқеан, ифтор бояд сода ва бериё бошад. Беҳтар аст таваҷҷуҳ бештар ба оилаҳои ниёзманд равона гардад, пирон, маъюбон ва бевазанонро фаромӯш накунем.

Дар кишвари азизамон барои адои ибодатҳои динии мусалмонон шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Масҷидҳо ободанд, фазои сулҳу осоиштагӣ имкон медиҳад, ки ибодатҳо бо оромӣ анҷом дода шаванд.

Ин ҳамаи моро водор месозад, ки бештар шукргузор бошем, барои пешрафти Ватан ва осоиштагии халқамон дуо кунем. Шукргузорӣ, сабурӣ ва фаъолнокӣ тақозои дини мост.

Дар моҳи Рамазон Худованд гуноҳҳои бисёре аз бандагонашро мебахшад. Пас, мо низ бояд кинаву адоватро канор гузошта, якдигарро бубахшем, робитаи худро бо Қуръони карим мустаҳкам созем. Зеро Рамазон моҳи Қуръон, зикр ва истиғфор аст.

Паёмбар (с) фармудаанд: «Рӯза доред, саломат мешавед».

Худованд ҳамаи моро ба баракати моҳи мубораки Рамазон мушарраф гардонад, амалҳоямонро қабул кунад ва гуноҳҳоямонро биёмурзад.

Суҳбаторо

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

***Дар мамлакатамон пеш аз фаворасии моҳи шарифи Рамазон омодагиҳои ҳамаҷониба дида мешаванд. Имрӯзҳо мардум ба тозаю озода намудани хона, муассиса ва масҷидҳо, хариди маҳсулоти ғизоӣ барои саҳарӣ ва рӯзакушоӣ, инчунин тақвияти корҳои хайру дастгирии ниёзмандонро аллакай оғоз намудаанд. Одамон якдигарро бо фаворасии моҳи муборак табрик намуда, рӯҳан барои рӯзадорӣ ва ибодат омода мешаванд.***

# ФАРОРАСИИ МОҲИ ШАРИФ

Аз ҷумла, ба ин муносибат дар Осорхонаи давлатии таърихи Темуриён бо ташаббуси иттифоқи касабаи шаҳри Тошканд дар мавзӯи «Рамазон – моҳи хайру саховат ва шукргузорӣ» суҳбати «мизи мудаввар» баргузор гардид.

Дар он раиси Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касабаи ходимони соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва хидматрасонии пойтахт Дилфуза Исмоилова ба аъзои иттифоқи касаба дар ин моҳ сиҳативу саломатӣ, иродаи матин ва иҷобат шудани амалҳои некашонро таманно намуд.

– Бо фаворасии моҳи мубораки Рамазон ҳамаи ҳозиронро табрик менамоям,– гуфт сармутахассиси маркази фатвои Идораи мусалмонони Ӯзбекистон Муҳаммад Аюбхон Ҳомидов. – Воқеан, калимаи «рӯза» ба лафзи арабӣ «сиём» буда, маънои луғавии он парҳез кардан, нигоҳ доштани нафсро дорад. Дар истилоҳи шариат «аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани Офтоб» аз хӯрдан, нӯшидан худро нигоҳ дошта, бештар амалҳои некро иҷро кардан аст. Рӯзадор бояд тақводор, яъне боирода, парҳезкор, савобталаб, худотарс, ҳақиқатнигор ва қалбаш пок бошад.

Вақтҳои охир табибон собит кардаанд, ки бо рӯзагирӣ кас метавонад ба дардҳои худ даво ёбад. Барои рӯзадор ду хурсандӣ ҳаст: нахуст ӯ ҳангоми ифтор мамнун, сониян ба Офаридгор наздик мешавад.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки рӯзадорӣ дар дигар динҳо низ вуҷуд дорад, вале бо тартибу қоидаи дигар.Дар ҳадиси қудсӣ омадааст: «Аллоҳи таъоло фармуд: «Ҳамаи амалҳои фарзанди Одам барои худаш, танҳо рӯзадориаш барои ман аст ва мукофоти онро Худам медиҳам». Пайғамбарамон (с.а.в.) доир ба фазилатҳои рӯза ва чӣ гуна рафтор кардани рӯзадор чунин фармудаанд: «Рӯза шахси рӯзадорро аз корҳои бад, гуноҳ содир кардан ва бемориҳо нигоҳ медорад. Аз даҳони рӯзадор суханҳои бемаънӣ, беҳуда, ношоиста намебарояд. Агар ягон одам бо ӯ ҷанг карданӣ ё дашном доданӣ шавад, вай бояд «ман рӯзадорам» гӯяд. Чунин рафтор ва гуфтор одоби баланд ва олиҷаноб аст».

Дар поёни чорабинӣ иштирокдорон ба саволҳои худ оиди рӯза ва рӯзадорӣ аз ҷониби Муҳаммад Аюбхон Ҳомидов ҷавобҳои муфассал гирифтанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Рӯзгоре барои ибрат*

# ҲАР ШОМ, КИ ОЯД, ЗИ ПАЙИ ОН САҲАРЕ ҲАСТ...

Аҳад Олимов зодаи деҳаи Бузургони ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро мебошад. Пас аз соҳиби касбу кор шуданаш, волидон тасмим гирифтанд ӯро хонадор кунанд. Бо машварати хонаводагӣ, барои дур намондан аз хешовандон, духтари хоҳарашро ба ӯ муносиб донистанд. Аҳад, ҳукми падарро воҷиб шумурда, бо Муҳтарама издивоҷ намуд.

– Тавре ки модарам нақл карда буданд, онҳо зиндагии орому хуш доштаанд, - ёдоварӣ намуд қаҳрамони мо Заррина Олимова. – Фарзандон ба дунё омаданд. Моҳи апрели соли 1984 фарзанди сеюмашон духтар, яъне ман таваллуд шудаам. Хурсандии падару модар ҳадду канор надоштааст. Бо сад орзуву ҳавас Заррина ном ниҳодаанд. Аммо пас аз чанде маълум шудааст, ки тифл аз неъмати биноӣ маҳрум аст.

– Ин хабар бароямон санҷиши сахт буд, гуфта буд модарам, – нақлро давом дод Заррина. — Наход ин асорати никоҳи хешу таборӣ бошад? Орзуҳои зиёд доштем, аз ҷумла мехостем фарзандонамон соҳиби маълумоти олӣ шаванд. Андӯҳи ноумедӣ дили онҳоро фаро гирифтааст, то он даме, ки тағоям, номзади илмҳои иқтисодӣ ва эҷодкор Шарофиддин Турсунов онҳоро ба сабру умед даъват намуд. Тағоям дар бораи шахсиятҳои нобинои ҷаҳон, ки бо иродаи матину зеҳни қавӣ ба дастовардҳои бузург расидаанд, мисолҳо оварда таъкид кардаанд, ки чунин кӯдакон аксаран ҳушёру соҳибистеъдод мешаванд. Чунонки Зебунисо фармудааст:

*Навмед набояд шудан аз*
*гардиши айём,*
*Ҳар шом, ки ояд, зи пайи*
*он саҳаре ҳаст.*

### Роҳи дониш ва худшиносӣ

Соли 1991 Зарринаро барои таҳсил ба мактаб-интернати махсуси рақами 24-уми нобиноёни шаҳри Бухоро доданд. Дар мактаб аз донишомӯзони пешқадам буд. Аввалин талошҳо барои эҷод маҳз аз ҳамон давр оғоз ёфтаанд.

– Дар он айём Ҷамъияти нобиноёни вилояти Бухоро таҳти роҳбарии шахси бомаърифат Акбар Ҳайдаров бо ин мактаб ҳамкории мустаҳкам доштанд, – иброз дошт З. Олимова. – Дар ҳаёт ва фаъолияти ман ду шахс – тағоям Шарофиддин ва Акбар Ҳайдаров нақши муҳим бозидаанд. Ҳайдаров навиштаҳои толибилмони боистеъдоди мактаб-интернатро таҳрир ва ба чоп ҳозир менамуд. Аз ҷумла, ӯ ба шеърҳои навэҷоди ман низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда дар роҳи эҷод, ки навқадам будам, маслиҳатҳои муфид медод.

Модарам низ дар рӯзҳои таътил бароям китобҳои бадеӣ мехонд, шеърҳои тағоямро қироат мекард, ки аз ин ман завқ мекардам. Муҳити хонаводагӣ ва дастгирии омӯзгорон муҳаббати маро ба шеъру адабиёт қавӣ мегардонд. Дар мактаб устодон бо меҳру самимият дарс мегузаштанд, ба мо китобҳо пешниҳод мекарданд, маслиҳатҳо медоданд. Ҳамин тавр, орзуи омӯзгор шудан дар вуҷудам шакл гирифт.

Заррина мактабро бо баҳои аъло хатм карда, соли 2002 орзуҳои айёми мактабхонӣ ӯро ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд овард. Ба факултаи филологияи ӯзбек ҳуҷҷат супорида, аз имтиҳонҳо сарбаландона гузашт. Дар раванди таҳсил низ фаъол буд. Баробари аз худ кардани фанҳои гуногун, асрори эҷодро низ мукаммалтар меомӯхт. Ва маҳз рағбату завқ ба донишандӯзӣ, инчунин роҳнамоиву дастгирии устодон ӯро водор кард, ки таҳсилро дар шуъбаи магистратура идома диҳад.

Духтараки заковатманду меҳнатдӯст дараҷаи магистрро дар риштаи забон ва адабиёти ӯзбеки Донишкадаи давлатии омӯзгории Навоӣ гирифт.

### Фаъолияти ҷамъиятӣ ва эҷодӣ

Заррина Олимова аз соли 2007 узви Ҷамъияти нобиноёни вилояти Бухоро буд. Аз ин рӯ, пас аз хатми магистратура хост фаъолияти худро дар ин ҷамъият идома диҳад ва ба ҳайси раиси шуъбаи фарҳангӣ-маърифатӣ, кор бо занону ҷавонони ҷамъият ба кор шурӯъ кард. Дар назди ҷамъият курси бозомӯзии компутер амал мекард ва Заррина дар он ба ҷавонони хоҳишманд асрори кор бо компутерро меомӯхт.

– Фаъолияти педагогии худро аз соли 2009 дар коллеҷи касбу ҳунари кишоварзӣ ва фарҳангии Пешкӯ идома дода, аз фанни адабиёт ва санъати суханварӣ дарс гуфтаам. Он солҳо ҳам ба фаъолияти омӯзгорӣ ва ҳам барои эҷод кардан фурсати қулай буд. Махсусан, соли 2011 дар озмуни эссеҳои созмони ҷопонии «Онкия» миёни нобиноёни Осиё бо эссеи «Ҷойгоҳи нобиноён дар ояндаи ҷомеа» иштирок карда, сазовори эътироф шуданам бароям муваффақияти назаррас буд. Баъди шаш соли омӯзгориам дар коллеҷи номбурда, ба мактаб-интернати рақами 10-уми шаҳри Нукус ба кор даъват карданд. Ин мактаб бо Иттифоқи нависандагони Қароқалпоқистон ҳамкорӣ дошт ва он бароям хеле муҳим буд. Онҳо барои баргузор намудани вохӯриҳо бо шоиру нависандагон, шабҳои эҷодӣ ва озмунҳои китобхонӣ шароит зарурӣ муҳайё мекарданд, - таъкид намуд ӯ.

Дар мактаби мазкур пешниҳод ва татбиқи лоиҳаҳои нав оид ба такмили раванди таълим кардаашро ба инобат мегирифтанд. Бо назардошти чунин иқдомҳои накӯву шоиста Заррина бо унвони фахрии Аълочии таълими халқи Қароқалпоқистон сарфароз гардид.

Дар давраи пандемия шуъбаи Ҷамъияти нобиноён дар шаҳри Нукус дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи нависандагони Қароқалпоқистон ва рӯзномаи «Адабиёти қароқалпоқ» озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин китобхони ҷавон»-ро ташкил намуд. Заррина дар баргузории ин чорабинӣ иштироки фаъолона дошт.

Соли 2020 дар озмуни «Дунёро ба кӯдакон диҳед!», ки бахшида ба 1 июн - Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон баргузор гардид, ширкат намуда, барои асари «Офтоб ва китоб» ҷойи аввалро соҳиб шуд.

Ҳамон сол Иттифоқи нависандагони Қароқалпоқистон бо мақсади тарғиби эҷодиёти сенатор, Шоири халқии Қароқалпоқистон, Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон Гулистон Матёқубова озмуни байналмилалиро ба таври фосилавӣ баргузор кард. Олимова тавассути канали оммавии «Иҷод гулдастаси» дар шабакаи телеграм ва гурӯҳи ҷамъиятии «Дӯстии адабӣ -дӯстии абадӣ!» дар ташкилу ҳамоҳангсозии он саҳм гузошт. Барои ин иқдоми фарҳангӣ Ассотсиатсияи «Шоиру нависандагони Осиёи Марказӣ» ӯро ба узвият қабул намуд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**



*Нафаси баҳор ба сарзамини мо рӯҳи навсозӣ ва покизагиро меорад. Дар арафаи моҳи мубораки Рамазон суннати қадимӣ ва пурсавоби мардуми мо – ҳашар – бори дигар ҳамаро гирди як ҳадафи нек муттаҳид месозад.*

*Дар ноҳияи Поп низ ин корҳои хайр густариши васеъ ёфтаанд. Дар қабристонҳо ва зиёратгоҳҳо ҳашарҳои оммавӣ ташкил гардида, муҳит тоза ва обод карда мешавад.*

*Дар қабристони «Писталимазор»-и маҳаллаи Исковут корҳои ободонӣ бо ҷиддият идома доранд. Атрофи қабрҳо тоза карда шуда, роҳравҳо ба тартиб оварда мешаванд ва ҳудуд симои зебо ва обод мегирад.*

*Чунин амалҳои нек на танҳо муҳити атрофро пок месозанд, балки дар қалби инсонҳо меҳру муҳаббат, ҳамдилӣ ва рӯҳияи корҳои савобро тақвият мебахшанд.*

***Хидмати матбуоти хокимияти вилояти Наманган.***

*Ислоҳоти соҳаи таълим – тақозои замон*

# ҚАДАМИ ҚАТЪӢ

***Ҳамааш баъд аз ба нафақа баромадани инсони хоксору росткор, пурдону соҳибтаҷриба, сарвари мактаби таълими умумии рақами 30-юми ноҳияи Самарқанд Исмоили Ҷабборӣ оғоз ёфт. Гап дар сари он, ки таълимгоҳи мазкур мувaққатан бе роҳбар монд, корҳои таълиму тарбия суст, давомот, фарогирӣ ба дарс, интизом ғайриқаноатбахш гардид. Ана барои чӣ падару модарони ҳақталаб ба ташвишу таҳлука афтода, ба Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ, садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Самарқанд, ҳокимияти ноҳия ва дигар ташкилотҳои дахлдор шикояту ариза навиштаанд.***

Сардори садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят Музаффар Ҳамдамов барои таълимгоҳи мазкур роҳбари муносиб ҷустуҷӯ намуд. Аз шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Самарқанд якчанд нафар номзад пешбинӣ шудаанд.

Ба сардор тарҷумаи ҳоли ҷонишини директори мактаби рақами 32-юм, соҳиби ду дипломи мактаби олӣ, доктори фанҳои биология Ҳасанҷон Ҳамидов писанд афтод.

Ба мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия Шерзод Абулхайров супориш дод, ки маҳз ҳамин номзадро наздаш фиристад. Тазаккур дод, ки Ҳасанҷон Ҳамидов аз зумраи он омӯзгорон, ки бо донишу маҳорати хеш дар байни ҳамкасбон ва ҳамдеҳагон соҳибэҳтиром, қатъӣ, наовару пешқадам, қолабшикан будааст.

Суҳбати дилнишину гуворои эшон дар бораи баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия дар мактаби рақами 30-юми зодгоҳи ӯ – деҳаи Оҳалик ҷараён гирифт.

– Ҳасанҷон, ояндаи кишвари азизу муқаддаси мо пеш аз ҳама ба насли босавод вобаста аст, – гуфт Музаффар Яздонқулович, – бо ин мақсад дар мамлакатамон ҷиҳати беҳтару хубтар намудани сифати таълиму тарбия корҳои фоидабахши бунёдкорӣ анҷом дода мешаванд. Дар Мурожиатномаи пурмазмун ва пурмуҳтавои сарвари давлатамон ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон дар баробари дигар масоили муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ масъалаҳои такмилу боло бурдани сифати таълиму тарбия ба таври махсус таъкид ёфт, ки мову шумо бояду шояд саҳмгузор хоҳем шуд.

Медонам, гарчанде як замон мактаби миёнаи рақами 30-юм шуҳратёр буд, ҳоло мушкилоти сарбаста дорад. Барои боз пешқадам шудани таълимгоҳ чӣ қадар ёрдам, дастгирӣ лозим бошад, мо дар хизмат тайёр. Омад ёр бод, Ҳасанҷон!

Ҷамоаи мактаб роҳбари навро хуш истиқбол гирифтанд ва дар ҷамъомади нахустин бо иштироки аҳолии таҳҷоӣ баҳсу мунозира барои беҳдошти фаъолияти мактаб хеле тӯлонӣ ҷараён гирифт. Ҳақгӯӣ ва ҳақталошӣ яке аз хислатҳои наҷибу мардуми кӯҳсор аст, ки онҳо сари исботи ҳақиқату адолат ҳаргиз андеша, гузашт намекунанд. Аз рафти гуфтори ҳозирон беихтиёр ба хотири кас байтҳои зерини устод Лоҳутӣ ба хотир мерасад:

*Хоҳӣ, ки шавад замона*
*хуррам аз ту,*
*Магзор ба ҳеч дил*
*расад ғам аз ту.*
*Аммо пайи исботи ҳақ,*
*ар лозим шуд*
*Бигзор биранҷад дили*
*олам аз ту!*

Сарвари нави таълимгоҳ кӯшиш ба харҷ дод, ки ҳама дарду ҳасрати худро аз минбар гуфта, барои беҳдошти фаъолияти ояндаи пурсамараи таълиму тарбия дар мактаб таклифу пешниҳоди муфид гӯянд. Вай мазмуну мундариҷаи сухани нотиқонро навишта, сипас барои ҳаллу фасли мушкилоти сарбаста ҷидду ҷаҳд намуд.

Вақте ба утоқи кории директори мактаб Ҳасанҷон Ҳамидов ворид шудем, рафтору гуфтори самимона ва чеҳраи кушоди ӯ эътимоди моро аз шунидан ҳам бештар намуд. Хосатан, муносибати ҷамоаи аҳлу тифоқ бо роҳбар самимӣ ва хоксорона буда, маълум гашт, ки мақсади муштараки онҳо на танҳо дар ноҳияи Самарқанд, инчунин вилояту ҷумҳурӣ сазовори ҷойҳои фахрӣ гирифтан аст.

Ҳангоми мулоқот бо сарвари таълимгоҳ, ҷавони бомаърифат, қавииpода, ҷаҳонгашта, дилсӯзу равшанфикр Ҳасанҷон Ҳамидов маълум гардид, ки ӯ дар ҳақиқат соҳаи педагогикаро хуб омӯхта, ба насли наврас ба замона хос таълиму тарбия доданро қатъӣ қарор додааст.

– Солҳои таҳсил дар мактаби миёнаи рақами 18-уми зодгоҳ ба фанни биология дил бастам, вале дар олимпиадаи забони хориҷӣ дар вилояту ҷумҳурӣ ҷойҳои фахрӣ насибам гашт,– иброз дошт Ҳасанҷон Файзуллоевич, – муаллимаи забони немисӣ Мунира Ҷумъаева маслиҳат доданд, ки ба Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд дохил шавам.

Ана ҳамин тавр соли 2006 номи донишҷӯи мактаби олиро гирифта, дар тӯли беш аз чаҳор сол забони немисиро омӯхта, ҳатто барои таҷрибаомӯзӣ ба Олмон азми сафар карда, бо мардуми таҳҷоӣ бо забони модарии онҳо суҳбат, нисбати асарҳои адибу шоирони олмонӣ мубодилаи афкор намудем. Вале муҳаббат ба табиат маро ба факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд овард. Аз имтиҳонҳои қабул сарбаландона гузаштам.

Чанде пеш нобаҳангом сардори садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят Музаффар Ҳамдамов назди худ хонд ва доир ба роҳбарии мактаби таълими умумии рақами 30-юм фармон дод.

Албатта, дар замири комёбиҳои назаррас хидмати шоистаи китобхона низ бузург аст. Фаромӯш набояд кард, ки китоб сарчашмаи илму маърифат буда, дар рушду такомули тафаккури инсон нақши босазо мегузорад. Дар китобхонаи наву барҳаво, ки ҷавобгӯйи сатҳу сифати муосир мебошад, қариб 10 ҳазор нусха асарҳои бадеӣ, дарсӣ, илмӣ-оммавӣ ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ мавҷуд. Бо ташаббусу талаботи мудири он Зӯҳро Қаюмова вохӯрӣ бо аҳли фарҳангу эҷод, шоиру нависандагон ва шаби адабӣ бахшида ба ҷашни алломаҳои Шарқ гузаронида мешаванд.

**Равшан ИСРОИЛОВ,**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
*вилояти САМАРҚАНД.*

# ҲАР ШОМ, КИ ОЯД, ЗИ ПАЙИ ОН САҲАРЕ ҲАСТ...

(Аввалаш дар саҳ.3).

Бояд гуфт, ки мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ва шеърҳояш дар нашриятҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла дар Озарбойҷон, Туркия, Миср, Таиланд, Индонезия, Олмон ва Британиё ба табъ расиданд.

Дар солҳои минбаъда ӯ дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона ширкат варзид ва бо як қатор диплому медалҳо мукофотонида шуд.

Боиси эътироф аст, ки то имрӯз китобҳои «Ҷилоҳои тафаккур» (2017), «Соҳили эҳсосот» (2019) ва «The Property of the Soul» («Мулки рӯҳ», 2022)-и Заррина ба табъ расиданд. Нашри китоби англисӣ дар ИМА номи ӯро дар доираи васеи хонандагон муаррифӣ кард.

## Мавқеи адабӣ ва эътирофи байналмилалӣ

Дар ашъори Заррина мавзӯъҳои Ватан, меҳри модар, арзишҳои инсонӣ ва эҳтиром ба ниёи бузург ҷойгоҳи муҳим доранд. Масалан, дар шеъри худ таҳти унвони «Ба омӯзгорон» эҳтирому самимияти шоира нисбат ба омӯзгорони фидокору заҳматписанд таҷассум ёфтааст. Ӯ дар шеърҳояш ба шахсиятҳои таърихӣ, чун мутафаккир, султони мулки ғазал Мир Алишер Навоӣ ва Заҳириддин Муҳаммад Бобур бо такя ба манобеи таърихӣ рӯ меорад ва хидматҳои бузургу беҳамтои онҳоро дар рушду нумӯи адабиёту фарҳанг эътироф мекунад. Ба муносибати 580-солагии Навоӣ Иттиҳодияи нависандагон ва муаррихони Осиёи Марказӣ озмуни байналхалқӣ ташкил намуд, ки Заррина дар он низ фаъол иштирок кард. Барои саҳми фаъол дар тарғиби мероси Навоӣ бо медали «Алишер Навоӣ» қадрдонӣ шуд.

Соли 2023 ба узвияти Академияи адабиёт, санъат ва коммуникатсияи Олмон пазируфта шуд. Ҳамчунин узви чандин созмонҳои байналмилалии адабӣ, чун узв ва ҷоизадори Иттиҳодияи «Шоирони ҷаҳон»-и Техас, узви Ҷамъияти дӯстии шоирони «Бунёди Икро»-и Ҳиндустон ва узви Ассотсиатсияи нависандагони Аргентина мебошад.

Ҳамзамон, Заррина барои фаъолияти байналмилалӣ ва саҳм дар тарғиби фарҳанги миллӣ бо нишони сарисинагии «Фидокори маънавият» ва медали байналхалқии «Турон бирлиги» мукофотонида шудааст.

Инчунин, узви «Платформаи занони пешсаф»-и Ӯзбекистон, Ассамблеяи нобиноёни Осиё мебошад. Заррина таъкид менамояд, ки соли 2023 барояш соли дастовардҳои назаррас буд. Ӯ ба узвияти Иттиҳоди байналмилалии нависандагони Турони назди Академияи илмҳои Турон пазируфта шуд. Ҳамзамон, Бунёди эҷодии «Қӯшқанот»-и Қазоқистон ӯро ба узвият қабул намуда, бо медали «Барои хидматҳои байналмилалӣ» сарфароз гардонид.

Моҳи июни соли 2023 дар семинари «Ҳафтаи Ӯзбекистон», ки дар Донишгоҳи Гаҷа Мадаи Индонезия баргузор гардид, иштирок намуд. Ҳамон сол дар конфронси Донишгоҳи Қоҳира (Миср), ки ба муносибати нашри китобаш дар Амрико баргузор шуд, бо ифтихорнома сарфароз гардид.



Дар акс: Заррина ОЛИМОВА (дар мобайн).

Маълумот дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ӯ ҳамчун шоири муосир дар вебгоҳи байналмилалӣ ба забонҳои ӯзбекӣ ва англисӣ мунташир шудааст. Шеърҳояш дар антологияи нависандагони ӯзбек, ки дар Британиё нашр шудааст, дохил карда шуданд.

Заррина ҳоло дар мактаби миёнаи рақами 45-уми шаҳри Бухоро аз фанни адабиёт дарс мегӯяд. Шукр мегӯяд, ки Парвардигор ба ӯ як фарзанди солеҳ додааст. Мехоҳад ва мекӯшад писараш дар оянда як фарди ба ҷомеа нафърасон шуда ба воя расад.

## Иродае, ки мағлуб намешавад

Сарнавишти З. Олимова намунаи равшани пирӯзии ирода бар маҳдудиятҳост. Маҳрумият аз неъмати биноӣ натавонист садди роҳи камолоти ӯ гардад - баръакс, ин озмоиши зиндагӣ иродаашро қавитар ва ҳадафҳояшро равшантар сохт. Бо такя ба дониш, меҳнат ва эътимод ба неруи ботинӣ, ӯ аз зинаҳои таҳсилу фаъолияти ҷамъиятӣ гузашта, то ба мақоми шоири шинохта ва омӯзгори соҳибэҳтиром расид.

Зиндагии Заррина Олимова ба мо меомӯзад, ки инсон бо иродаи устувор ва ҳаракати мақсаднок метавонад ҳар монеаро ба зинаи болоравӣ табдил диҳад. Ӯ имрӯз на танҳо омӯзгор ва шоир, балки рамзи матонат, худшиносӣ ва умед барои насли ҷавон аст.

**Гулчаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Дар Любляна – пойтахти Словения мусобиқаи бонуфузи Ҷоми Аврупо оид ба дзюдо баргузор гардида, барои дастаи Донишгоҳи давлатии Бухоро бо хабари хуш анҷом ёфт.*

*Донишҷӯйи курси 3-юми факултети тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш Дилшодбек Ҳамроев (то 66 кг.) дар ҷараёни мусобиқа ҳамаи рақибонашро мағлуб намуда, медали тиллоро ба даст овард ва сазовори Ҷоми Аврупо гардид.*

*Ин пирӯзӣ, ки дар натиҷаи рақобатҳои шадиду беамон, техникаи баланд ва матонати варзишгар ба даст омад, аз омодагии мукаммал, иродаи қавӣ ва маҳорати волои ӯ шаҳодат медиҳад.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Бухоро.***

# ШОҲ, ШОИР ВА МУАРРИХ

*Бобур Мирзо идомадиҳандаи сазовори Ренессанси Темуриён, шахсияти бузург, ҳомии илм, фарҳанг, санъат ва адабиёт, дорои истеъдоди фавқулодаи инсонӣ аст. Мероси нодири ӯ халқи моро дар тамоми ҷаҳон машҳур сохт...*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

Заҳириддин Муҳаммад Бобур шахсияти беназири таърихӣ ба шумор меравад, ки дар адабиёт ва фалсафаи замони худ нақши носутурданӣ гузоштааст. Ӯ, пеш аз ҳама, ҳамчун асосгузори Салтанати муғулҳои бузург дар Ҳиндустон маъруф мебошад. Бобур нафақат саркардаи бомаҳорат ва арбоби давлатӣ, балки боз шоир ва мутафаккири беназири даврони худ буд. Асарҳои ӯ мероси ғановатманди фарҳангии Шарқ буда, бо шеърияти форсӣ ва оҳангҳои туркӣ омехта шудаанд, ҳамчунин андешаҳои шахсияшро бинобар ҳаёт, тақдир ва табиати инсон дар бар мегиранд.

Заҳириддин Муҳаммад Бобур соли 1483 дар Андиҷон таваллуд шудааст. Ҳаёти ӯ дар даврони дигаргуниҳои таърихии Осиёи асри миёна, ки ба давраи Эҳё иваз мегардид, сипарӣ шуд.

Бобур дар эҷодиёти худ таъсири фарҳанги форсиро ҳазм карда буд, ки ин дар осори лирикӣ ва андешаҳои фалсафиаш инъикос ёфтаанд. Аз ӯ мероси ғановатманди адабӣ боқӣ мондааст. Дар онҳо анъанаҳои шеърияти Шарқ ва таассуроти шахсии муаллиф ба ҳам омехтаанд.

Асари асосии мутафаккир, бидуни шубҳа, «Бобурнома» аст, ки китоби тарҷумаиҳолӣ буда, бо забони ӯзбекии чиғатоӣ навишта шудааст. Дар он Бобур ба сифати муаррихи тавоно ҳаёти худ, сафарҳояш, ҳодисаҳои сиёсӣ ва табииро муфассал сабт мекунад. Ин асар нафақат манбаи таърихист, балки боз навиштаест, ки аз маҳорати беназири муаллифаш дарак медиҳад.

Бобур ғайр аз ин асари ёддоштӣ, боз шеърҳои лирикӣ, аз ҷумла ғазалиёт ва рубоиҳо таълиф намудааст, ки мазмуну муҳтавои бузурги фалсафӣ доранд. Дар ғазалҳои шоир мавзӯъҳои абадии адабиёт, аз ҷумла, муҳаббат, қисмати инсон, зебоӣ ва гуногунрангии табиат васф шудаанд.

Андешаҳои фалсафии Заҳириддин Муҳаммад Бобур ҳамоҳангии байни анъанаҳои Шарқ ва таҷрибаи шахсии ӯро, ки аз ҷаҳонбинии фавқулодаи шоир дарак медиҳанд, инъикос кардаанд. Ӯ аз ҳусни табиат илҳом мегирифт ва ба он аз дидгоҳи худ баҳо медод, ҳаётро ба сифати сафари муваққатие, ки аз имтиҳон ва сабақҳо саршор аст, баррасӣ менамуд.

Мероси эҷодии Бобур дар таърихи на фақат Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми олами исломи турк аҳамияти беназир дорад. Шеърият ва насри ӯ андешаҳои амиқи фалсафиро дар бораи ҳаёт, сарнавишт ва табиати рӯҳи инсонӣ инъикос мекунанд. Ба шарофати асарҳои худ Бобур услуби нодири адабиро созмон дод, ки баъдан ба ворисони оянда – шоирону мутафаккирони ҷавон таъсири бесобиқа гузоштааст.

«Бобурнома»-и ӯ сарчашмаи бебаҳои фарҳангӣ ва ғояи маънавӣ маҳсуб меёбад, ки моҳияти дарки шахсӣ ва миллиро таъкид мекунанд.

Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев ҳангоми сафараш ба вилояти Андиҷон, ки 15 апрели соли 2025 ба вуқӯъ пайваста буд, баъди боздид аз шаҳри Андиҷони Нав, ки дар вилоят сохта мешавад, пешниҳод намуд, ки ба он номи Бобур дода шавад.

«Сохтмони шаҳре, ки номи ӯро мегирад, иҷрои рамзии орзуҳои ин ниёи бузурги мост. Тавре ки маълум аст, Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар кадом гӯшаи дунё набошад, тамоми умр зодгоҳи азизи худро ёд мекард.

Фикр мекунам, шумо ба андешаҳои ман ҳамраъй хоҳед шуд, яъне орзуҳои ин гузаштаи бузургамон иҷро мешавад, ӯ боз ба Ватан бармегардад. Ҳамаи шуморо бо ин воқеаи таърихӣ муборакбод мекунам», – гуфт Президент.

Оре, дар шаҳре, ки Бобур замоне бо пазмонии писаронаву шоирона «Дар он ҷо ҷони ман монда» («Анда жоним қолди мани») мегуфт, имрӯз бинобар сиёсати дурандешонаи Президент шаҳри зебову замонавии Бобур бунёд меёбад.

Шубҳае нест, ин ҳодиса рамзи садоқат ва муҳаббати мардуми Андиҷон, балки тамоми халқи миннатдори Ӯзбекистони Нав аз фарзанди маъруфу шуҳратёри худ, шоҳ, шоир, муаррих ва мутафаккири хеш Заҳириддин Муҳаммад Бобур мебошад, ки 543-солагии ӯро мо ҳоло ҷашн мегирем.

**Ораш АКАБОЕВ,**
**донишҷӯйи соли чаҳоруми Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон.**

*Зикри хайр*

# ХОНАОБОДӢ – АЗ ПАДАРИ БУЗУРГВОР

Хабари нобаҳангоми чашм аз олами ҳастӣ пӯшидани устод, марди донишманду фидоӣ, бофарҳангу инсондӯст Мирзомаҳмуд Акрамовро шунида, сахт андӯҳгин шудем ва суҳбатамон бо ӯ дар ҷанозаи собиқ мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Самарқанд Баҳриддин Мардонов ба хотир расид.

– Бовари кас намеояд, ки рӯзи гузашта бо мудир ҳамроҳ будему имрӯз барои ба роҳи охирин гусел карданаш омадем,– гуфта буд Мирзомаҳмуд Аҳмадович, – ҷудоӣ аз ӯ барои таълим, ёру дӯстон, ҳамкасбу ҳамкорон талафоти бузурге аст.

Мирзомаҳмуд Акрамов 10-уми майи соли 1956 дар Самарқанд таваллуд ёфта, баъди хатми мактаби миёна ба факултаи кимиёи Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил шуд. Ӯ бо дипломи мактаби олӣ фаъолияти худро дар омӯзишгоҳи касбҳои техникаи рақами 185-уми шаҳр оғоз намуд.

Боре собиқ ҳокими ноҳияи Самарқанд, шодравон Раҳима Ҳакимова ба омӯзишгоҳи мазкур омада, бо ӯ шинос мешавад, аз маданияти рафтору гуфтори ӯ хушаш меояд ва ӯро ба кор таклиф мекунад. Акрамов корманди масъули ҳокимияти ноҳияи Самарқанд таъин мегардад. Сипас, ҷонишини директори мактаби рақами 29-уми ноҳия ва то дами вопасин дар шуъбаи таълими халқи ноҳия кор мекунад.

– Раҳматӣ дар тӯли фаъолияти хеш ба мо роҳбалад, маслиҳатгари хирадманд, инсони поксиришту бебок, – гуфт мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия Шерзод Абулхайров. – Устод барои ривоҷу равнақи таълими халқӣ, ба комёбиҳои назаррас соҳиб шудани шуъба, ҳаллу фасли муаммоҳои сарбаста саҳми арзанда гузоштаанд. Эшон дар байни муаллимон, падару модарони шогирдон бо дилёбиву масъулиятшиносӣ эҳтироми хоса доштанд.

Ҳарчанд устод алҳол дар байни мо нестанд, кори неку номи некашон ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад шуд.

Воқеан, Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон, соҳиби бисёр мукофотҳо Мирзомаҳмуд Акрамов падари бузургвору ҳамсари меҳрубон ҳам буд.

Ӯ бо завҷааш, собиқ директори мактаби миёнаи рақами 76-ум Гулӣ Акрамова се нафар – гулдухтараш Азизабону, писарҳояш Мирзоанвар ва Мирзоулуғбекро таълиму тарбияи хуб додаанд.

– Қиблагоҳ шаҳсутуни хонадон, маслиҳатгару офтоби бахту тахти мо буданд, – бо дидаи гирён моро ба оғӯш гирифта, мегуфт Мирзоанвар. – Хушбахтӣ, зиндагии осуда, хонаободии мо аз падари бузургворам буд...

Оре, раҳматӣ Мирзомаҳмуд Акрамов аз ҷумлаи онҳоест, ки номашонро зикри хайр зинда медорад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Ахлоқ*

# ДАР ҶАВОНӢ ДОР ПИРОНРО АЗИЗ...

***Ҳар як оила ба кишвари хурдакак монанд аст. Сарҳади моддиву маънавӣ, тартибу қоида ва қонуниятҳои хоси худро дорад. Бахусус, дар оилаҳое, ки пиронсолон умр ба сар мебаранд, файзу таровaт ва тартибу интизом ҳис карда мешавад. Аъзои хонадонҳо аз хоб барвақт хеста, ба якдигар «субҳ ба хайр» гуфта, дар гирди дасторхон ҷамъ мешаванд. Бо дуою ниятҳои неки бобою момо ба иҷрои кору вазифаҳои худ машғул мегарданд. Бобою момо ва падару модар фариштаю сариштаи рӯзгори ҳар яки моянд. Инсон меҳрубонӣ ва некӣ карданро қабл аз ҳама бояд аз худ ва наздикони худ оғоз кунад.***

Аз намоиши телевизионии «Панди падарон», ки овони бачагӣ дида будем, мисол меорам: «Падару модар фарзанди ягонаи худро бо меҳрубониҳои зиёд ва бекаму кост ба воя мерасонанд. Ҳар чи мехост муҳайё месозанд. Хонадор мекунанд ва арӯси нозанин ба хизмати онҳо мепардозад. Солҳо мегузаранд, падари ҷавон аз ҳаёт чашм мепӯшад. Модараш низ пир шуда, қуваи бозуяш заиф гардида, ба ғамхории писару келин мӯҳтоҷ мешавад. Вақте ки ӯ хӯрок мехӯрд, дастонаш меларзиданд, косаю пиёла аз дасташ афтида мешикаст. Ба ҳавлӣ пойҳои бемадорашро кашолакунон базӯр медаромад. Чунин ҳаракатҳои пиразан арӯсашро монда карда буд ва ӯ баробари аз дар даромадани шавҳар лаб ба шикоят мекушод. Писар барои аз шикоятҳои ҳаррӯзаи занаш раҳоӣ ёфтан, ба модари муштипар, ки бо ноз ӯро калон карда, дар зарфҳои чиннию булӯрин хӯрок дода буд ва қариб ҳар рӯз эркагӣ карда пиёлаю чойник мешикаст, аз ҷӯб косаю чумча сохта, минбаъд дар он ба модараш хӯрок медиҳад.

Ҷавон рӯзе аз кӯча ба ҳавлӣ баргашта мебинад, ки писарчааш дар даст тешаю табар ва арраю гулмех бо коре машғул буд. Ҳайрон шуда пурсид:

– Писарам, чӣ сохта истодаӣ?

– Ба шумо ва модарам косаю чумчаи чӯбин месозам. Ба мисли момоям пир шуда, дасту поятон ларзон шавад, дар ҳамин зарфи чӯбин хӯрок медиҳам, – ҷавоб дод писарчааш.

Овози фарзанди ба остонаи балоғат нарасидааш ба ӯ мақоли «ҳар чӣ корӣ – ҳамонро даравӣ»-ро ёдовар намуд. Ҷавоби ҷигарбандаш дар қалби хирагаштаи ӯ равшанӣ эҳё сохт. Ҳиссиёти фарзандӣ ва меҳру муҳаббати модариро, ки побанди рӯзгори худ шуда фаромӯш карда буд, ба хотир оварда худро ба пеши пойи модар андохт...»

Ҳангоми куҳансолӣ ба падару модар ғамхорӣ намудан, ба инҷиқию нотавонии онҳо сабру тоқат намуда, ба хизматашон доимо омода будан вазифаи ҳар як инсони комил ба шумор меравад.

Дар деҳаамон рӯзгоре момои Ҷумъагул умр ба сар бурдааст. Нақл мекунанд, ки ӯ аз шавҳару фарзанди ягонааш барвақт ҷудо шуда, ба бемории вазнин мепечад. Момо баъд аз муолиҷаи дуру дароз ба по мехезад. Бо як қатъияти мардона, ба меҳнати сангини он давр тоб оварда зиндагӣ мекунад. Ба кори мардум, бахусус корҳои занон, аз қабили ресмонбофӣ, калобаресӣ, намадпазӣ, лагандаю қатора рафтани кӯрпаю кӯрпача, танӯрсозӣ ва ғайра кумак мерасонад. Аз кӯҳу кӯтал ҳезум мекашонд, пистаю бодому чормағз ҷамъ мекард. Хуллас, бори гарони зиндагӣ бар дӯши тани танҳояш буд. Ба занони ҳомила доягӣ мекард. Бисёриҳо қабл аз шифокорро ҷеғ задан ба ҳузури момо мешитофтанд, ба қавле «дасташ сабук» буд.

Момо умри дароз дид. Ҳангоми пиронсолӣ хешу табор ва додарзодаҳояш парасторӣ карданд. Арӯсон аз маслиҳату тавсияҳои ӯ баҳраманд мешуданд. Ҳаққу ҳамсоя бо як коса хӯроку нони гарм ба аёдаташ омада дуои ӯро мегирифтанд. Аз ҳаёти момо қиссаҳои дуру дароз навиштану гуфтан мумкин. Вақте ки аз олам даргузашт, яке барои савоб, дигаре раҳмдилу ғамхор ва сеюмӣ ба хотири ҳоҷатбарори мардум будани ӯ аз пойи тобуташ доштанд...

Имрӯзҳо дар байни мо падару модарони серфарзанд ҳастанду худро танҳо ҳис мекунанд. Фарзандони ноҳалаф пиронсолӣ ва нотавонии волидонро ба худ «бори вазнин» ҳисобида, ба хонаи пирон месупоранд ва ё танҳо монда аз ҳолашон хабар намегиранд. Бехабар аз он ки онҳо низ рӯзе пир мешаванду ба фарзанд ва наздикони худ мӯҳтоҷ мегарданд.

Соҳиби хирад Фаридуддини Аттор фармудааст:

*Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,*
*То азизи дигарон бошӣ ту низ.*

**Саодат РӮЗИЕВА.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 2073. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.